Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Эмомализода Навруз Эмомалӣ дар мавзӯи "Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

Дар шароити ташаккули давлатдории миллӣ таҷдиди комили, пеш аз ҳама, муносибатҳои иқтисодиву фарҳангӣ ва заминаи онҳо - қонунгузории амалкунанда ба мақсад мувофиқ буда, ин омилҳо метавонанд асоси пешравии кишвар гарданд. Тоҷикистон ки пас аз соҳибистиқлол шудан, кушиш намуд, ки иқтисодиёти бозоргониро ба роҳ монда аз иқтисодиёти нақшавии шӯравӣ даст кашад, дар муносибатҳои иқтисодӣ ба гуногунӣ роҳ кушод. Тағйиротҳои бавуҷудомада роҳу усулҳои нави танзим, аз ҷумла ва пеш аз ҳама, усулҳои иқтисодии танзимро талаб намуда, механизмҳои ҳуқуқии ворид намудани онҳо барои устувор гаштани ин усулҳои нав ба ҳадафҳои кишвар мувофиқ буданд. Аз ин сабаб, дар соҳаи маданӣ аллакай соли 1999 ва минбаъд се қисми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятии иқтисодӣ тайи се даҳсола ва ба роҳ мондани муносибатҳои ду ва бисёртарафаи иқтисодӣ бо кишварҳои дуру наздик як қатор холигиро дар қонунгузории мадании кишвар ошкор намуд, ки дарёфти роҳҳалҳо барои онҳо, такмил додани қонунгузории амалкунанда дар ин самт, сабаби осон гаштани муошираты иқтисодии кишварҳо ва субъектҳои хоҷаагидорӣ дар дохили кишвар мегардад. Мураккаб ва гуногунҷабҳа гаштани муносибатҳои иқтисодии кишвар ва дар муносибатҳо бо дигар кишварҳо сабаби ба вуҷуд омадани як қатор қонуншиканиҳо ва иҷро нашудани уҳдадориҳо

мегардад. Ҳуқуқшиносон дар ин самт воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳоро таҳия кардаанд, ки метавонанд ба таври самаранок иҷро шудани онҳоро таъмин кунанд. Дар қатори воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо институти замонатро ворид кардан мумкин аст, ки аз қадимулайём дар қонунгузории тоҷикон ва амалияи муносибатҳои иқтисодӣ, махсусан қарзӣ мавқеи хоси худро дошт, вале дар марҳилаи шӯравии рушди давлатдории тоҷикон ва то имрӯз наметавонад мавқеи муносиби худро дар қонунгузорӣ касб намояд, ҳол он ки он яке аз воситаҳои самараноки иҷрои уҳдадориҳо ба шумор меравад. Аз ин сабаб, мавзуи барои ҳимоя пешниҳоднамудаи Эмомализода Н.Э. мавзуи мубрами илмӣ буда, амалинамоии чунин як нақша заминаи комил намудани холигиҳо дар ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории амалкунанда мегардад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мавзуи мубрам бахшида шуда, сохтори он мантиқӣ ба назар мерасад ва ба 3 бобу ҳашт зербоб тақсим шуда, муқаддима, хулоса, тавсияхои амалӣ, руйхати сарчашмаҳои истифодашуда, руйхати асарҳои муалифро дарбар мегирад.

Эмомализода Н.Э. дар натиҷаи таҳқиқоти мавзуъ панҷ навгониро барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Дар қатори ин дастоварди илмии унвонҷу аст, ки тавсияҳои зиёдеро барои такмили қонунгузории соҳавӣ, санадҳои зерқонунии соҳаи молия ва бонкдорӣ пешниҳод намудааст. Навгониҳои пешниҳодшуда ҳамагӣ лоиқи дастгирӣ мебошанд. Саҳми муаллифро дар муайян кардани мафҳуми замонат қайд намудан лозим аст. Тибқи банди 2 навгониҳо замонат аз ҷониби унвонҷӯ чунин таъриф дода шудааст: «Замонат – ҳамчун институти ҳуқуқи граждани ва яке аз тарзи таъмини шахсӣ, шартномаи иловагие мебошад, ки байни кредитор ва зомин дар шакли хаттӣ баста шуда, дар ҳолати вайрон гардидани уҳдадорӣ тибқи шартномаи асосӣ аз тарафи қарздор, таъмини иҷрои уҳдадории мазкур ба ҳолати фаъол ба зомин ҳамчун қарздори иловагӣ гузашта, охирин дар ҳаҷми муқаррарнамудаи шартномаи замонат пурра ё қисман ҷавобгар мегардад» (Саҳ.11 автореф). Тавсияҳои унвонҷӯ

шаҳодати хуб шинос будани муаллиф ба масоили қонунгузорӣ ва амалияи муносибатҳои вобаста ба замонат дар марҳилаи муосир мебошад. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки моддаи 390 Кодекси мадании ҶТ дар таҳрири нав чунин ифода карда шавад:

«1. Тибқи шартномаи замонат зомин уҳдадор мешавад, ки дар назди кредитори шахси дигар барои пурра ё қисман иҷро намудани уҳдадорӣ ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби он ҷавобгар бошад.

2. Шартномаи замонат метавонад, барои таъмини уҳдадориҳои пулӣ ва ё ғайрипулӣ, инчунин ҷиҳати таъмини уҳдадории минбаъда низ баста шавад. Шартҳои замонат ҷиҳати таъмини уҳдадории минбаъда баста шуда, дар он ҳолат мувофиқашуда ҳисобида мешаванд, ки агар дар шартномаи мазкур истинод ба шартномаи асосии таъминшавандаи мавҷудбуда ё дар оянда бавуҷудмеомада мавҷуд бошад ва муайян кардани амали зомин ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории асосӣ мумкин бошад, ки вазъи ҳуқуқии зоминро мушаххас менамояд.

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар такмилу таҳкими қонунгузорӣ, амалияи судӣ, фаъолияти бонкӣ ва дар таълими фаннӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аз мазмуни матни автореферат мушоҳида кардан мумкин аст, ки унвонҷӯ Эмомализода Н.Э. қобилияти машғул шудан ба таҳқиқоти илмиро дошта, усулу равишҳои кор бо адабиёти илмиро хуб медонад ва моҳирона онҳоро дар кор истифода бурдааст. Эмомализода Н.Э. маҳорати илмӣ нишон дода дар заминаи истифодаи усулҳои омузиш тавонистааст, ки як қатор хулосаҳои илмиро пешниҳод намояд.

Дар қатори комёбиҳои илмӣ дар автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб аз қабили муайян намудани таносуби институти замонат бо баъзе институтҳои дигари ҳуқуқи маданӣ мушоҳида мегардад, ки он воситаи таъмини иҷрои уҳдадориҳо нест. Эроди мазкур арзиши илмии рисоларо паст намекунад.

Диссертатсияи илмии Эмомализода Навруз Эмомалӣ кори таҳқиқотии комил, анҷомёфта, комплексӣ буда, нуктаҳои асосии он холигиро дар илми ҳуқуқи маданӣ пурра мегардонад ва ин саҳми унвонҷӯ дар илми ҳуқуқшиносӣ ба шумор меравад. Аз гуфтаҳои фавқуззикр хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи "Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Эмомализода Наврӯз Эмомалӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор аст.

Муқарриз:
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
и.в. дотсенти кафедраи ҳуқуқи
факултети таърихи ДДОТ ба
номи Садриддин Айнӣ

Назаров Д.Қ.

Имзои н.и.х. Д.Қ. Назаров-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

А. Мустафозода

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
E-mail: davlatxon-1986@mail.ru
Тел: +(992) 902-77-66-22.

8 августи соли 2022.